***ТКБ 82***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-1-29-32***

***НАҚШИ ИБОДАТ РАҲИМОВА ДАР БУНЁДИ ҶОМЕАИ НАВИН ДАР ТОҶИКИСТОН***

***Негматуллоева Маҳинахон Ҳабибовна,*** *докторанти(Phd) кафедраи таърихи ватан ва археологияи МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров»(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***РОЛЬ ИБОДАТ РАХИМОВОЙ В СОЗДАНИИ НОВОГО ОБЩЕСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ***

***Негматуллоева Махинахон Хабибовна,*** *докторант(Phd) кафедры отечественной истории и археологии ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова»(Таджикистан, Худжанд)*

***THE ROLE OF IBODAT RAKHIMOVA IN CREATION OF SOCIALISM IN TAJIKISTAN***

***Negmatulloeva Mahinakhon Habibovna,*** *doctoral student(phd) of the department of home history and archeology under the SEI «KhSU named after acad. B.Gafurov»(Tajikistan Khujand),*
***E-mail:*** mahina@mail.ru

***Вожаҳои калидӣ:*** *Ибодат Раҳимова, ҷомеаи сотсиалистӣ, фаъолияти ҳизбиву сиёсӣ, КМ ҲК Тоҷикистон, ташкилотчӣ, котиби комсомол*

*Мақола ба баррасии нақши яке аз чеҳраҳои намоёни ҳизбӣ ва давлатии садаи XX – Ибодат Раҳимова дар бунёди ҷомеаи навин дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси маводи фаровони илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва бойгонӣ паҳлӯҳои норавшани ҳаёт ва фаъолияти ходими сиёсӣ – Ибодат Раҳимоваро баррасӣ намуда, ишора менамояд, ки фаъолияти пурсамари Ибодат Раҳимова ӯро то рафт ба зинаҳои баланди фаъолияти ҳизбӣ бурдааст. Ӯ чун омӯзгор ба фаъолияти меҳнатӣ оғоз намуда, то ба мансабҳои баланди ҳизбию давлатӣ расидааст. Дар мақола ҳамчунин дар бораи фаъолияти ҷамъиятии ӯ сухан рафта, андешаҳои муаллиф дар асоси далелҳои дақиқ ва мӯътамад баён шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *Ибодат Рахимова, социалистическое общество, партийно-политическая деятельность, ЦК КП Таджикистана, организатор, секретарь комсомола*

*Статья посвящена роли одного из видных партийных и государственных деятелей XX века – Ибодат Рахимовой в создании нового общества в Таджикистане. Автор на основании большого объёма научных, научно-популярных и архивных материалов рассматривает неизвестные стороны жизни и деятельности Ибодат Рахимовой и подчеркивает, что ее плодотворная деятельность позволили ей достичь высоких должностей в партийной работе. Она, начиная свою трудовую деятельность в качестве учителя, дошла до высоких партийных и государственных постов. В статье также речь идёт о её общественной деятельности, мысли автора изложены на основании точных и достоверных фактов.*

***Key words:*** *Ibodat Rahimova, socialist society, party political activity, Central Committee of the PC Tajikistan, organizer, secretary of Komsomol*

*The article dwells on the role of one of prominent party and state figures of the XX-th century - Ibodat Rahimova in a new society creation in Tajikistan. Designing on the premise of a large considerable number of scientific, popular and archival materials the author of the article canvasses the unknown strontists of a political figure - Ibodat Rahimova`s life and creation and lays an emphasis upon the ides that her fruitful activity allowed to reach higher positions in party activities. She started her own career as a teacher and rose to high party and government positions. As well as, the article considers her social activities, the author`s thoughts are presented based on accurate and reliable facts.*

Дар ҷаҳони муосир занон дар тамоми ҷабҳаҳои ҷомеа фаъоланд. Дар тараққиёти соҳаҳои, иқтисодиёт, илм, сиёсат, фарҳанг ва хоҷагии қишлоқ занон саҳми муассир доранд. Аз оғози садаи XX баробари дигар соҳаҳо дар ҷодаи сиёсат занон дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ мавқеи муайянро ишғол намуданд. Ибодат Раҳимова дар ҳаёти сиёсӣ, ҳизбӣ ва бунёди ҷомеаи навини сотсиалистӣ бо кору пайкори худ дар таърихи кишвари мо номи худро ҷовидона сабт кардааст.

Ибодат Раҳимова дар солҳои 50 ва 80-уми асри XX мансабҳои баландеро дар кори Ҳизби Коммунистӣ соҳиб буд. Фаъолияти ҳизбию сиёсии ӯ аз солҳои 40-ум оғоз ёфта, аз рӯзҳои нахустини узвияташ дар КМ ҲК Тоҷикистон дар мақоми котиби комсомоли шаҳри Ленинобод(Хуҷанд) кор карда,дар ҳаёти ҳизбӣ ва давлатии кишвар саҳми босазо гузоштааст.

Ибодат Раҳимова 12 ноябри соли 1922 дар шаҳри Ленинобод (ҳозира Хуҷанд) ба дунё омадаст. Ин зани меҳнатдӯсту хоксор аз соли 1944 аъзои ҲКИШ, ходими ҳизбиву давлатӣ, комсомолӣ ва ҷамъиятии ҶШС Тоҷикистон буд. Соли 1941 Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинободро хатм намуда, фаъолияти меҳнатии худро худи ҳамон сол ба сифати омӯзгори мактаби №19 колхози "Сотсиализм"-и ноҳияи Ленинобод (ҳоло Бобоҷон Ғафуров) оғоз кардааст. Дере нагузашта, вазифаи сарварии мактабро ба ӯҳда гирифта, ҳамзамон котиби ҷамъияти комсомолии колхоз интихоб гардид.Соли 1944-1956 Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ва соли 1959 Мактаби олии ҳизбии назди Комитети Марказии ҲКИШ - ро дар Москва хатм кард.Бояд қайд намуд, ки таҳсил дар ин мактаб дар он давра шараф, ифтихор ва масъулияти бузург маҳсуб меёфт.

Соли 1943 мудири Шӯъбаи ҷавонони мактаби Комитети комсомоли ноҳияи Ленинобод интихоб гардид. Декабри соли 1947 мудири бахши кор бо занони дастгоҳи комитети ҳизбии шаҳри Ленинобод интихоб шуд.

Фаъолияти меҳнатии ӯ аз соли 1948 то соли 1957 ба сифати котиби якуми Кумитаи шаҳрии комсомоли Ленинобод, дертар котиби дуюми Кумитаи вилоятии комсомол, котиби КМ Иттифоқи Ленинии Коммунистии ҷавонони Тоҷикистон, котиби якуми КМИЛКҶ Тоҷикистон сурат гирифтааст. Солҳои 1950 – 54 ӯ котиби КМИЛКҶ ва солҳои 1954 – 57 котиби якуми Комитети марказии Ленинии Комитети Советии Тоҷикистон буд.

Тавре дар боло таъкид намудем, соли 1957 таҳсили худро ҳамчун шунавандаи Мактаби олии ҳизбии назди КМ ҲКИШ идома дода, соли 1959 онро бо муваффақият хатм намудааст [6,с.3].

Фаъолияти пурсамари Ибодат Раҳимова ӯро то рафт ба зинаҳои болои кори ҳизбӣ мебурданд. Соли 1959-1960 ташкилотчии масъули Шуъбаи ташкилии ҳизбӣ ва муовини мудири Бахши донишкадаҳои олӣ ва мактабҳои миёна мегардад. Соли 1960 Ибодат Раҳимова ба сифати котиби якуми Кумитаи ҳизбии ноҳияи Октябри(ҳолоИсмоили Сомонӣ)шаҳри Душанбе ҲК Тоҷикистон фаъолияти ҳизбиву сиёсии худро идома додааст. Аз солҳои 1960 то соли 1964 ум муовини мудири Бахши корҳои ташкилии ҳизбии КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 1966 то соли 1978 Ибодат Раҳимова котиби КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон буд.Моҳи декабри соли 1978 ӯ котиби Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб гардида, то синни нафақа дар ин вазифаи масъул фаъолияти худро идома медиҳад.

Ибодат Раҳимова бо фаъолияти меҳнатии софдилона ва фидокорона байни мардум ва роҳбарияти замони худ обрӯву эътибор ва боварии хосаро ба даст овардааст. Дар анҷуманҳои XI ва XII ИЛКҶ Тоҷикистон И.Раҳимова аъзои Кумитаи Марказӣ интихоб мегардад. Дар анҷуманҳои VIII ҲК Тоҷикистон, соли 1952 ба номзадии аъзои КМ ҲК Тоҷикистон, дар даъватҳои IX-X, XIII-XIX Ҳизби коммунистии Тоҷикистон аъзои КМҲК Тоҷикистон интихоб гардид. Аз соли 1964 то соли 1978 ум аъзои Бюрои КМ ҲК Тоҷикистон фаъолияти пурсамар бурдаст. Аз соли 1960 то соли 1968 Ибодат Раҳимова дар вазифаи муовини Раиси Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистонро иҷро намудааст. Ӯ ҳангоми адои вазифаҳои пурмасъул на танҳо барои ҳаллу фасл ва баррасии қарорҳои муҳими давлатӣ таъсир гузошт, балки бо кору фаъолияти шахсии худ барои ҷомеаи ҳамон давр ва наслҳои минбаъда намунаи ибрат буд. Ин ҷиҳат ҳам он давра ва ҳам дар даврони соҳибистиқлолӣ, ки миллати мо ба шинохти асолати худ кӯшидааст, муҳим ва арзишманд ба шумор меравад.

Дар баробари фаъолияти ҳизбию давлатӣ Ибодат Раҳимова корҳои ҷамъиятиро низ фаъолона пеш бурда, дар кори Кумитаи занони шӯравӣ фаъолона иштирок намуд. Дар ин самт барои пурзӯр кардани сиёсати пешгирифтаи он замон дар самти ҷалби занон дар корҳои ҳизбиву ҷамъиятӣ ҳамчунин фаъолият дар коллхозу совхозҳо саҳми муайян гузоштааст. Аз ҷумла дар ин самт дар анҷумани X занони Тоҷикистон, ки санаи 22 июни соли 1973 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, «Дар бораи иштироки занони ҷумҳурӣ дар иҷрои ӯҳдадориҳои сотсиалистӣ дар роҳи пеш аз мӯҳлат иҷро кардани нақшаи панҷсолаи тараққиёти халқ»[2,с.1-3] маърӯза намуд.Анҷумани мазкурро ҷонишини раиси Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон Н.Зарипова кушода буд. Раёсати анҷуман, аъзо ва номзадҳо ба аъзои Бюрои КМ ҲК Тоҷикистон А. Қаҳҳоров Ҷ. Расулов, И.Раҳимова, М.Х.Холов, А.И. Шитов, Г.Б.Бобосодиқова, роҳбарони вазорату идораҳо ва шахсиятҳои маъруфи ҷумҳурӣ, пешқадамони истеҳсолот, ки халқи тоҷик аз хизмати онҳо ба таври ҳақиқӣ ифтихор дошт, иштирок намуданд. Дар байни онҳо Қаҳрамонони Меҳнати Сотисалистӣ, вакилони Шӯрои Олии ИҶШС ва Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, намояндагони халқҳои бародарӣ низ дар Раёсат нишаста буданд. Тибқи

рӯзномаи анҷуман пас аз суханронии табрикотии котиби якуми КМ КП Тоҷикистон Ҷ.Р. Расулов суханронии Ибодат Раҳимова пешбинӣ шуда буд. И. Раҳимова доир ба иштироки занон дар иҷрои ӯҳдадориҳои сотсиалистӣ дар роҳи пеш аз мӯҳлат иҷро кардани нақшаи панҷсолаи тараққиёти хоҷагии халқ баромад намуда буд [5,с.2]. Ҳамон сол ба сифати котиби КМ ҲК Тоҷикистон доир ба мавзӯи мазкур Ибодат Раҳимова дар матбуоти даврӣ баромад намуда, аз рафти кор ва ғалабаҳои меҳнатии занони фаъоли кишвар, аз ҷумла чинакчиёни пешқадами пахта, кирмакпарварон ва дигар намояндагони хоҷагии халқ гузориш додааст [1,с.1-3].

Ҳамчунин ӯ дар кори Кумитаи шӯравии муҳофизати сулҳ, Кумитаи якдилии кишварҳои Осиё ва Африқо иштирок намуда, аъзои Ҷамъияти дӯстӣ ва робитҳои фарҳангии Иттиҳоди Шӯравӣ бо мамлакатҳои Ғарб буд[1,с.1-2]. И.Раҳимова дар кори як зумра ҳамоиши байналмиллалӣ иштирок кардаст, ӯ аз ҷумладар Конгресси умумиҷаҳонии ҷавонон дар Бухарест (соли 1953); соли 1957 дар Фестивали умумиҷаҳонии ҷавонон ва донишҷӯён дар шаҳри Москва; соли 1972 дар сессияи 27-уми Ассамблеяи Генералии СММ дар Ню-йорк, солҳои 1957, 1981 дар Конгресси умумиҷаҳонии занон дар Берлин ва Прага иштирок ва баромад кардаст. Тавре муҳаққиқ Н.Рофиева дар мақолаи худ таъкид мекунад: «Ибодат Раҳимова шаш сол вазифаи пурмасъули ҷонишини раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар ӯҳда дошт. Ӯ дар сессияи 37-уми Ассамблеяи генералии СММ аз номи бонувони тоҷик баромад карда, онҳоро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда буд» [4,с.37].

Дар давраи роҳбарӣ ва аъзои дастгоҳи марказии ҳизб ва ҳукумат буданаш ба бисёр кишварҳои ҷаҳон сафар намудааст. Аз ҷумла дар ҳайати ҷавонони шӯравӣ ба Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея (соли 1954), соли 1961 дар ҳайати Кумитаи занҳои шӯравӣ ба Индонезия, соли 1966 дар ҳайати ҲКИШ ба Италия ва Византия сафар намудааст. Дар намоиши байналхалқии шаҳри Монреали Канада "Экспо- 67", соли 1973 ба Пловдиви Булғория ва соли 1974 Лейпсиги Олмон ҳайати Тоҷикистонро роҳбарӣ намудааст. Ибодат Раҳимова дар тамоми сафарҳои корӣ на танҳо бо суханронии худ, балки бо фарҳанг, маҳорату кордонӣ, зиракӣ симои миллати худро ба аҳли ҷомеаи башар муаррифӣ намудааст. Ӯ ҳамчун мушовири Кумитаи занони шӯравӣ дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон фаъолият карда, дар ин кишвар барои таъсис додани Созмони демократии занони Афғонистон саҳми босазо гузоштааст. Дар солҳои зиндагӣ берун аз Иттиҳоди шӯравӣ бо шахсият ва рафтори худ тарзи ҳаёти шӯравиро ҳамаҷониба тарғиб намудаст. Бо ин барои озодии фикрӣ, тарбияи фаъолнокӣ, масулиятнокии ҷамъиятии занони Шарқ саҳм гузоштааст. Ӯ бисёр кӯшиш мекард, ки занони Шарқ дар вазифаҳои роҳбарии давлатӣ ва корҳои ҷамъиятӣ бештар иштирок намоянд.

Ибодат Раҳимова ба ҷуз фаъолияти ҳизбӣ, давлатӣ боз дар ташвиқи ғояҳои замони худ машғул гардидааст. Ӯ дар назди мардум бо маърӯзаву лексияҳо баромад намудааст. Байни шунавандагони ӯ олимону меҳнаткашон, табақаи гуногуни мардум буданд. Мавзӯҳои суханрониҳояш сиёсати ҳамондавраи кишварро дар бар гирифта, бештар ғояҳои коммунистию интернатсионалистӣ бахшида шуда буданд. Ибодат Раҳимова дар бисёр рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ бо мақолаҳо ва мулоҳизаҳои худ баромад намудааст.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ибодат Раҳимова байни ҷавонони синни даъватӣ, тодаъватӣ ва оилаҳои ҷанговарон корҳои тарғиботӣ бурдааст.Солҳои 1968-1979 Ибодат Раҳимова роҳбари Шӯрои занони ҷумҳурӣ буда, ҳамзамон дар ҳайати нашрияи бонувони кишвар «Занони Тоҷикистон» фаъолият намудааст. Зиёда аз 10 сол Ибодат Раҳимова раиси Комиссияи доимоамалкунандаи Шӯрои Олии ИҶШС оид ба маориф, илм, санъат ва фарҳанг буд. Ҳангоми аъзои Кумитаи ҷумҳуриявии муҳофизати сулҳ ӯ мубориза фаъоли сулҳ ва дӯстии халқҳо ба ҳисоб мерафт. Заҳмати зиёд ва меҳнати софдилонаи Ибодат Раҳимова аз ҷониби ҳизб ва ҳукумат баҳои сазовар дода шуда, қадрдонӣ гардидааст. Ӯ барои хизматҳояш бо орденҳои Ленин (соли 1957) бо се ордени "Байрақи Сурхи Меҳнат," (солҳои1954, 1971, 1973), се ордени «Нишони Фахрӣ», бо се ордени Шараф (1949, 1965, 1977) медалҳо ва бо Ифтихорномаҳои Фахрии Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва дигар нишонаҳои сарисинагӣ мукофотонида шудааст. Соли 1982 ба Ибодат Раҳимова унвони ифтихории "Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон"супорида шуд. Санаи 24 апрели соли 2009 дар синни 86- солагӣ дар шаҳри Душанбе аз олам гузашт. Ходими ҷамъиятӣ, давлатӣ ва сиёсӣ Ибодат Раҳимова тӯли умри босамари хеш аз соҳаи маориф фаъолияти меҳнатиро оғоз намуда, бо қадамҳои устувор ба сиёсат роҳ ёфтааст. Самараи фаъолияти пуршарафаш имрӯз низ барои насли ҷавони занҳо

намунаи ибрат аст. Ибодат Раҳимова баъди ба нафақаи дараҷаи иттифоқӣ соли 1985 баромаданаш аз фаъолияти ҷамъиятӣ дур нашуд. Дар очерки "Ду мағзи як бодом" муаллиф Шарифов Холмурод такя ба мақолаи профессор Саъдулло Абдуллоев доир ба Ибодат Раҳимова чунин менависад: "Дар вазъияте, ки мо бо роҳбарии Президенти худ Эмомалӣ Раҳмон давлати соҳибихтиёри демократӣ ва дунявӣ барпо мекунем, дониш ва таҷрибаи Ибодат Раҳимова даркор аст. Бинобар ин ӯ вазифаҳои сершумори ҷамъиятиро ба иҷро мерасонад. Дар маҷлиси Шӯроҳои Президентӣ, дар ҷаласаҳои собиқадорони ҷангу меҳнат, дар кумитаҳоизанониҷумҳурӣва бисёр ташкилот бо маслиҳатҳои арзишноки худ ширкат меварзад, чун узви фаъоли ҳаракати "Ваҳдати миллӣ – эҳёи Тоҷикистон" дар роҳи сулҳу амният, якдигарфаҳмӣ, оштии миллӣ ва рушду камоли минбаъдаи Тоҷикистон саҳмҳои барҷастаи ҷамъиятист, баромадҳои вай дар назди мардум ...сомеонро ба ваҷд оварда, онҳоро ба кори созандагӣ даъват менамояд" [8,с.12]. Ҳамин тариқ, дар замони худ Ибодат Раҳимова бо истифода аз имкониятҳо ва вазъи мусоид ҳаёти худро тағйир дода, дар сохти ҷомеаи навин низ саҳмгузор бошад. Новобаста аз он, ки сиёсати даврони шӯравӣ аз ҷониби олимони фазои илмии пасошӯравӣ ба таври гуногун арзёбӣ мешавад, он дар бунёди ҷомеаи нав, ташаккули тафаккури сиёсӣ, аз ҷумла занони Тоҷикистон нақши муассир гузоштааст. Дар ин замина таҷассуми симоҳои намоёни занон дар арсаи сиёсат падидаи нодир дар таърихи инсоният маҳсуб меёбад. Зеро тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст иштироки занон дар ҷодаи сиёсат ва корҳои ҷамъиятӣба ташаккули ҷамъият таъсири мусбат расонидаанд. Занҳои барӯманд ба мисли Ибодат Раҳимова дар замони худ ба ташаккули сохти ҷамъиятии он даврон саҳми босазо гузоштаанд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Раҳимова, И. Ба съезди X занони Тоҷикистон / И. Раҳимова // Тоҷикистони советӣ. – 1973. – №145 (14.410). –23 июн. – С.1-3.
2. Раҳимова, И. Занон – мубориизони фаъоли ҳаёти нав / И. Раҳимова // Тоҷикистони советӣ. – 1973. – №144 (14.409). – С.1-2.
3. Раҳимова, И. Занон қувваи бузурганд / И. Раҳимова // Тоҷикистони советӣ. – 1969. – № 111 (13.119.). – 15 май. – С.3.
4. Рофиева, Н.Ғ. Саҳми занон дар пешрафти ҳаёти иқтисодӣ, ҷамъиятӣ, сиёвӣ ва мадании Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XX ва даврони истиқлолият//Н.Ғ.Рофиева/Номади донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2015 .-№4(45). – С.37
5. Съезди X занони Тоҷикистон. Тоҷикистон. – 1973. – № 145 (14.410). – 23 июн. – С.3.
6. Бойгонии Марказии Давлатии ҶШС Тоҷикистон. Фонд № 1864, опис№ 1, солҳои 1942-1981.
7. Худжанд. Энциклопедия. – Душанбе, 1999. – С.626.
8. Шарифов, Х. Ду мағзиякбодом. / Х. Шарифов: Духтарони диловари Тоҷикистон. – Душанбе. – 2010. С.160.
9. Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷилди VII.– Душанбе, 1986. – С. 233.
10. http://kitobam.com/cr/rahimova-i/
11. https://www.ozodi.org/a/1616517.html


**REFERENCES:**


1. Rahimova, I. To the X-th congress of women of Tajikistan / I. Rahimova // Soviet Tajikistan. - 1973. - 45145 (14.410). –June 23. - P. 1-3.
2. Rahimova, I. Women - active fighters for a new life / I. Rahimova // Soviet Tajikistan. - 1973. - №144 (14.409). - P.1-2.
3. Rahimova, I. Women are great force / I. Rahimova // Soviet Tajikistan. - 1969. - № 111 (13.119.). - May 15. - P.3.
4. Rofieva, N.G. Women`s contribution into economic, social, political and cultural life of Tajikistan Referring to the second half of the XX-th century and the period of independence // Scientific Notes. Series of humanities and social sciences. - 2015.- №4 (45). - P.37
5. Congress, X women of Tajikistan. - 1973. - № 145 (14.410). - June 23. - P.3.
6. Central state archive of the Tajik SSR. Foundation № 1864, opis № 1, 1942-1981.
7. Khujand. Encyclopedia. - Dushanbe, 1999. - P. 626.
8. Sharifov, Kh. Two brains. / Kh. Sharipov: Brave girls of Tajikistan. – Dushanbe, - 2010. - P. 160.
9. Tajik Soviet encyclopedia. - V.VII. - Dushanbe, 1986. - P. 233.
10. http://kitobam.com/cr/rahimova-i/
11. https://www.ozodi.org/a/1616517.html